# Тақриз

**ба афтореферати кори диссертатсионии Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзуи «Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар», ки барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-053 дар назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ пешниҳод шудааст.**

Рисолаи илмии Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзуи "Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар" ба яке аз бахшҳои мураккаби соҳаи ҷароҳии ҷоғу рӯй дар онкологияи кӯдакон ва бузургсолон бахшида шудааст. Бо вуҷуди аҳамияти калони илмии ин масъала, дар адабиёт ва тавсияҳои ташкилию методӣ барои ҷарроҳони ҷоғу рӯй дар онкология норасоии маълумот дар бораи ин гуна нуқсонҳо дида мешавад.

Дар ин маврид арзёбии комплексии муаллиф оид ба омилҳои таъсиррасон ва паҳншавии нуқсонҳои модарзодиву садамавӣ ва дигар омилҳои хавфовари минтақаи ҷоғу рӯй метавонад имкон диҳад, ки алгоритми табобат ва ташхиси ин бемориро ба амалияи шуъбаҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй ҷорӣ кунад, пайдоиши ихтилоли модарзодии рагҳои хунгузари минтақаи ҷоғу руйро пешгирӣ кунад ва пешгирии онҳоро иҷро намоянд.

Кори диссертатсионии Абдул Қоҳир Қодирӣ дар сатҳи баланди илмӣ анҷом ёфта, маводҳои диссертатсия санҷида шуда, ба амалияи кори шуъбаҳои ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар онкологияи Маркази илмии ҷумҳуриявии саратоншиносии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи илмию клиникии стоматология"-и ВТ ва ҲИА ҶТ ҷорӣ карда шуданд.

Хусусияти пешниҳодшудаи тадқиқоти иҷрошуда имкон медиҳад, ки диссертатсияи Абдул Қоҳир Қодирӣ ҳамчун тадқиқоти илмии тахассусӣ ҳисобида шавад, ки ба омӯзиши мушкилоти пешбурди беморони гирифтори омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар саҳми назаррас ва нав мегузорад.

Аз ин лиҳоз, қайд кардан зарур аст, ки кори рисолаи илмии Абдул Қоҳир Қодирӣ тадқиқоти мубрами илмӣ ба шумор рафта, роҳҳалҳои нави барои соҳаҳои ҷоғу рӯй дар онкология дар байни аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон заруриро дар бар мегирад. Кори диссертатсионӣ ба талаботи қисми 3, бандҳои 31, 33, 34 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо ворид намудани тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295), тасдиқ шудааст, ки ба диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод карда мешавад.

Муаллифи рисолаи илмӣ Абдул Қоҳир Қодирӣ ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ лоиқ мебошад.

Мудири кафедраи стоматологияи
ортопедӣ ва ҷарроҳии ҷоғу руйи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
н.и.т., дотсент — Эгамова Ш.Б.

**Маълумот барои тамос:** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Тел: +992 (37) 2219578
E-mail: bakhridinovna@mail.ru
www.dmt.tj

имзои / подпись Эгамова Ш. Б.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо-подпись)

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС * ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

23.11.с.2024.